Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррризи расмӣ профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова Манзура Раҳматҷоновна ба диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи "Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит: банди 1.1. «Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ», 1.3. «Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои максадноки баҳисобгирии 17 бухгалтерӣ», 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андоз ва ғайра) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун», 1.10. «Назария ва методологияи буҷасозӣ», 1.13. «Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ», 1.16. «Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)», 3.2. «Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат», 3.9. «Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат» мутобиқ аст.

**Мубрамияти мавзӯи диссертатсия**

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ ва рушди босуръати тиҷорати сайёҳӣ дар кишвари мо зарурати аз нав дида баромадани системаҳои идоракунии хароҷот дар корхонаҳои ташкили сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд. Солҳои охир дар ташкилотҳои сайёҳӣ тамоюли номусоиди афзоиши хароҷот ва дар натиҷа баланд шудани арзиши хидматрасонии ташкилотҳои сайёҳӣ мушоҳида шудааст. Аз ин рӯ, дарёфти роҳҳои кам кардани онҳо ҳамчун омили асосии таъсиррасонӣ ба

натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти молиявию иқтисодии ташкилотҳои сайёҳӣ масъалаи муҳим мегардад.

Ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ оид ба оптимизатсияи хароҷот, эътимоднокии иттилооте, ки асосан дар системаи ҳисобдорӣ тавлид мешаванд, инчунин маълумот дар бораи роҳҳои кам кардани хароҷот, ки дар раванди идоракунии корхонаҳо муайян карда шудаанд, аҳамияти калон пайдо мекунанд. Маълум аст, ки дар айни замон дар корхонаҳои сайёҳӣ барои қабули қарорҳо вобаста ба идоракунии самараноки хароҷот амалан базаи иттилоотии ба қадри кофӣ боэътимод мавҷуд нест, муқоисаи маълумот оид ба хароҷоти ширкатҳои дигари сайёҳӣ, ки дар маълумоти оморӣ ва баҳисобгирӣ мавҷуданд, методологияи гузаронидани расмиёти назорат, ки хусусиятҳои тиҷорати сайёҳиро ба назар мегирад вуҷуд надоранд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки низоми мукаммали таъминоти баҳисобгирӣ - назоратии идоракунии хароҷот дар корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти сайёҳӣ ва дар ташкилотҳои фурӯшандаи он таҳия карда шавад, ки ҳам ҷамъоварии иттилоот ва ҳам коркарди онро бо мақсади таҳлил ва қабули қарорҳои аосноки идоракунӣ таъмин намояд.

Шароит ва принсипҳои иқтисоди бозорӣ зарурати рушди минбаъдаи системаи мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар сатҳи корхонаҳои алоҳидаи сайёҳӣ ва воҳидҳои онҳо тавассути воситаҳои гуногуни муосири баҳисобгирӣ, ки барои қабули қарорҳои идоракунии оперативӣ иттилооти зарурӣро тавлид мекунанд, муайян мекунанд.

Вобаста ба ин, диққати асосӣ дар таҳқиқоти тақризшаванда ба ташаккули чунин манбаъҳои иттилооте, ки барои такмили минбаъдаи тартиби баҳисобгирӣ ва назорат ҳангоми идоракунии хароҷоти ташкилоти сайёҳӣ ба таври кофӣ мукаммал ва самаранок бошанд, равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки омӯзиши сарчашмаҳои адабиётӣ гувоҳи он аст, ки илми баҳисобгирии ватанӣ дар солҳои охир дар роҳи ҳамгирой бо системаҳои байналмилалии ҳисобдорӣ дилпурона инкишоф меёбад. Бо вуҷуди ин, амалан ягон асаре мавҷуд нест, ки равиши систематикӣ ва консептуалии ташкили таъминоти баҳисобгирӣ ва назоратии идоракунии хароҷот дар соҳаи сайёҳиро дарбар гирад. Ба мушкилоти такмили баҳисобгирӣ ва назорат дар ин ташкилотҳо дар шароити ҳозира, махсусан ба масъалаҳои баҳисобгирӣ ва назорати идоракунии хароҷот ҳангоми истеҳсол, пешбарӣ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ диққати кофӣ дода нашудааст.

Ҳамин тариқ, таҳияи тавсияҳо оид ба ташкили баҳисобгирии хароҷот, такмил додани баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати таъминоти идоракунии хароҷот, инчунин ислоҳ кардани схемаҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти бадастомада, ки ба оптимизатсияи хароҷот нигаронида шудаанд, яке аз шартҳои баромади корхонаҳои сайёҳии ватанӣ ба сатҳи ташкилотҳои ҷаҳонии сайёҳӣ мебошад. Ҳолатҳои номбаршуда интихоби мавзӯи рисолаи мазкурро муайян намуда, аҳамияти он ва самтҳои асосии тадқиқотро муайян намуданд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Эътимоднокии натиҷаҳои илмии тадқиқот бо миқдори кофии маълумоти таҳлилӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот бо истифода аз усулҳои муосир, мувофиқати натиҷаҳои назариявӣ ва тадқиқотӣ бо маълумоти асоснок ва далелҳои аз маълумоти Агентии омор назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи таҳлилии оморӣ ва ҳисоботи ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар нашрияҳои даврии илмӣ, захираҳои интернетӣ ва ғ. гирифташуда тасдиқ карда мешавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии низоми мукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ зоҳир гардида, натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба даст оварда шудаанд ва дорои навгонии илмӣ мебошанд, чунинанд:

1.Ташаккули асосҳои назариявӣ ва иқтисодии категорияи туризм таҳқиқ карда шуда, мавқеи он дар рушди иқтисодиёт муайян карда шудааст. Нақши сайёҳӣ дар мамлакатҳои соҳаи сайёҳиашон рушдёфта таҳлил ва баҳодиҳӣ карда шуда, истифодабарии таҷрибаи пешқадами онҳо барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва пешниҳод карда шудаанд. Ошкор карда шудааст, ки соҳаи сайёҳӣ ба рушди дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла: меҳмонхонадорӣ, соҳибкории инфиродӣ, савдо, варзиш, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа, муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизматрасонии бонкӣ, фарҳанг, иттилоот, суғурта, андоз, инчунин паст кардани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ мусоидат менамояд.

2. Дар натиҷаи таҳлили танзими соҳаи сайёҳии мамолики гуногуни ҷаҳон моделҳои амалкунандаи батанзимдарории меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, истифодабарии модели якум, ки дар он иштироки бевоситаи давлат дар танзими фаъолияти сайёҳӣ, ки

барои мамлакати мо соҳаи афзалиятнок маҳсуб меёбад, ба мақсад мувофиқ ҳисобида шудааст. Исбот карда шудааст, ки танзими соҳаи сайёҳӣ аз ҷониби давлат бо пешниҳоди имтиёзҳои гуногун амалӣ карда мешавад, ки барои рушди соҳа мусоидат намуда, корхонаҳои сайёҳӣ маҳсулоти гуногуни сайёҳиро пешниҳод намоянд ва барои амалӣ намудани сиёсати иҷтимоии мутобиқ мусоидат менамоянд.

3. Муқаррар карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳавии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории дар ҳисоботи молиявӣ пешниҳодшаванда қодир бошад талаботи иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ ва беруниро пурра қонеъ карда тавонанд.

Имрӯзҳо, корхонаҳои сайёҳӣ натиҷаҳои молиявии худро дар асоси қонунгузории андоз, Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва таҳлили санадҳои меъёрии танзимкунанадаи баҳисобгирии муҳосибӣ таҳияи низомномаи соҳавӣ оид ба арзишмуайянкунии маҳсулоти сайёҳӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқи мақсад дониста шудааст, ки барои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, аз ҷумла ба рушди соҳаи сайёҳӣ мусоидат менамояд.

4. Бо назардошти хусусиятҳои соҳавии корхонаҳои сайёҳӣ муаммоҳои методологии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ ошкор карда шудааст ва ба ду гурӯҳ: муаммоҳои ташкилӣ ва хос тақсим карда шудааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия барои ҳалли муаммоҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ як қатор тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст. Бо ин мақсад, дар диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои методологии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ якчанд тавсияҳои амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд. Барои муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ таснифоти хароҷоти истеҳсолӣ асоснок карда шуда, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ аз рӯйи якчанд аломат гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

5. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои ташкилӣ-методии сиёсати баҳисобгирӣ тасдиқ карда шудааст, ки дар замони муосир сиёсати баҳисобгирӣ яке аз унсурҳои калидии сиёсати идоракунии корхона маҳсуб меёбад. Корхона бояд мустақилона, вобаста аз самти фаъолият ва ҳадафҳои дар пешаш гузошташуда, сиёсати баҳисобгирии худро таҳия ва тасдиқ намояд. Мувофиқи талаботҳои СБҲМ ва санадҳои меъёрӣ-

ҳуқуқии танзимкунанади баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин хусусияти фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, сиёсати баҳисобгирии мувофиқи баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ ва экологӣ коркард карда шудстааст. Моделҳои мувофиқи сиёсати баҳисобгирии дар диссертатсия пешниҳоднамудаи муаллиф чунон сатҳи ташкилии сохтори хадамоти муҳосибот ва сарчашмаи иттилоотиро пешбинӣ менамоянд, ки барои оқилона ба роҳ мондан ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мусоидат менамояд.

6. Вазъи муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибии даромадҳо, хароҷот ва назорат, вобаста хусусиятҳои хос ва самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, яъне фаъолияти тиҷоратӣ ва миёнаравии ширкатҳои сайёҳӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, ки ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ машғуланд ва гуногунии баҳисобгирии муҳосибии онҳо таҳлил карда шуда, роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ пешниҳод карда шудааст. Ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ, фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба ҳуқуқи амалӣ намудани фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тартиби баҳисобгирии даромад ва хароҷот ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва миёнаравии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард ва пешниҳод карда шудааст.

7. Муайян карда шудааст, ки низоми назорати дохилӣ – маҷмуи чорабиниҳои аз ҷониби роҳбарияти корхона бароҳмондашудаи методӣ ва воситаҳо барои бонизом омода намудани ҳуҷҷатҳои аввалия, пешбурди самараноки фаъолияти молиявӣ, таъмини амнияти дороиҳо, ошкорсозӣ, ислоҳ ва бартараф кардани хатоҳо ва таҳрифоти маълумот, инчунин сари вақт тайёр намудани ҳисоботи саҳеҳи молиявӣ мебошад. Объектҳои назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бо низоми баҳисобгирии муҳосибии корхона алоқаи зич доранд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳа ва субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ модели ташкили низоми назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Методикаи амалкунандаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ таҳлил карда шуда, вазифаҳо, марҳилаҳои асосӣ, давраҳои назоратӣ муайян, инчунин методикаи назорати дохилии даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ коркард шудааст.

8. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи амалии пешбурди баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, муайян карда шудааст, ки маҳсулоти сайёҳӣ объекти асосии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, таснифоти даромадҳо ва хароҷот аз рӯи намуди фаъолияти мушаххаси корхонаҳои сайёҳӣ, ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ бо усули меъёрӣ ва фармоишӣ асоснок карда шудааст, ки барои муайян намудани майлкуниҳо, тағйирёбиҳо ва ояндабинии фаъолияти корхонаи сайёҳӣ муҳим аст. Роҳҳои такмили низоми мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ, баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот, тибқи талаботҳои СБҲМ, ҳисобҳои иловагӣ дар асоси нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, методикаи тайёркунии ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ, вобаста ба фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ва мутобиқнамоии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ ба шароити СБҲМ дар сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст;

9. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ, низоми идоракунии корхонаҳои сайёҳӣ ба ҷорӣ намудан ва истифодабарии низоми самараноки назорати дохилӣ ҳавасманд мебошад. Номукаммал будани назорати дохилӣ, ки дар нодуруст муайян кардани объектҳои он ифода меёбад, яке аз омилҳои калидӣ мебошад ва ба муфлисшавии корхонаҳои сайёҳӣ оварда мерасонад. Вобаста ба хусусиятҳои объектҳои назорати дохилӣ барои зарурати корхонаҳои сайёҳӣ, таҳқиқотҳои муосири назариявии олимон онро пурра инъикос карда наметавонад. Ин имконияти таъминоти ташкили самаранокӣ ва амалишавии низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳиро бештар мушкил менамояд. Тасдиқ карда шудааст, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси корхонаҳои сайёҳӣ, низоми назорат мутобиқи сохтори ташкилии субъектҳои соҳаи сайёҳӣ ба роҳ монда шавад, дар марказҳои масъулият бошад низоми бисёрсатҳаи назоратӣ ташкил карда шавад, ки ҷавобгарии фардии роҳбарони зерсохторҳои таркибӣ ва кормандонро пешбинӣ менамояд;

10. Вобаста ба хусусиятҳои соҳавӣ ва гуногунҷабҳагии самти фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ модели баҳисобгирии хароҷот ва даромадҳо дар корхонаҳои сайёҳӣ коркард шуда, методикаи алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои инъикоси хароҷот ва даромадҳо пешниҳод карда шудааст, ки барои муайн намудани фоидаи амалиётӣ мусоидат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда аз 334 номгӯй иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 367 саҳифаи чопӣ дарҷ

шудааст. Дар диссертатсия 32 расм, 26 ҷадвал ва 4 замима пешниҳод карда шудаанд.

**Дар боби якум “Ҷанбаҳои назариявии рушди баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ**" асосҳои назариявии фаъолияти сайёҳӣ таҳқиқ карда шуда, заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои ташкилию технологии корхонаҳои сайёҳӣ ва таъсири он ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат асоснок карда шудаанд.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои сершумори илмӣ ва омӯзиши вазъи мавҷуда дуруст қайд менамояд, ки ташкили баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти ширкати сайёҳӣ ва агентии сайёҳӣ вобаста ба намуди фаъолияти онҳо шакли баҳисобгирӣ, аз ҷумла имконияти истифодабарии шакли содакардашудаи баҳисобгирӣ, хусусиятҳои ба расмият даровардани амалиётҳои хоҷагидорӣ, шаклҳои амалӣ намудани ҳисоббаробаркунӣ ва ғайра баъзе фарқиятҳо дорад. Бинобар ин, баҳисобгирии муҳосибӣ вобаста аз хусусиятҳои корхонаи алоҳидаи сайёҳӣ бояд дуруст ба роҳ монда шавад, то гирифтани фоидаро барои суъектҳои сайёҳӣ таъмин карда тавонад(саҳ. 40).

Вобаста ба таъминоти меъёрӣ-хуқуқии танзими баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти сайёҳӣ дар заминаи натиҷаҳои тахлили таҷрибаи байналмилалӣ муаллиф одилона қайд намудааст, ки дар баробари рушди соҳаи сайёҳӣ, таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ, гузаштан ба Стандартҳои байналмилалиихизматрасонӣ, инчунин татбиқи СБҲМ дар пешбурди корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, мукаммалгардонии низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилиро тақозо мекунад(саҳ. 59).

Муҳаққиқ асоснок намудааст, ки субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳӣ маҳсуб ёфта, вобаста ба намуди фаъолият тартиби баҳисобгирии муҳосибии онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунад. Дар ин маврид гурӯҳбандии субъектҳои фаъолияти сайёҳӣ ва тартиби баҳисобгирии дар расми 1.3.2 овардаи муаллиф аҳамияти хоси илмиро дорост(саҳ. 69).

Вобаста ба таснифоти овардашуда дар диссертатсия тасдиқ карда шудааст, ки корхонаҳои сайёҳӣ дар умум низоми фаъолияти байнисоҳавии субъектҳои иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки бо маҷмӯи амалиётҳои хоҷагидорӣ барои ташкил, таъмин, ташаккул ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ – маҳсулоти сайёҳӣ ва хизматрасониҳои сайёҳӣ ба ҳам алоқаманданд: хатсайрҳои сайёҳиро таҳия менамоянд, таркиби

хизматрасониҳои сайёҳиро муайян менамоянд, бастани шартномаҳо бо корхонаҳое, ки хадамоти ба сайёҳӣ алоқамандро пешкаш менамоянд, роҳбаладии сайёҳон дар вақти сайру саёҳат ва назорати хадамоти пешниҳодшударо ташкил менамоянд.

**Дар боби дуюм «Масъалаҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ»** мушкилоти методологии баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ муайян ва гуруҳбандӣ шуда, хароҷот вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ таснифот карда шуда, ташаккули сиёсати баҳисобгирӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Вобаста ба ин, дар ҷадвали 2.1.1 (саҳ. 88) муаллиф муаммоҳои мубрами методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар корхонаҳои сайёҳӣ гурӯҳбандӣ намуда, самтҳои мушаххаси бартараф намудани онҳоро дар зербоби .2.1 ба таври илмӣ асоснок намудааст. Ба ақидаи муаллиф, барои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бояд маҷмӯи тарзу усулҳое истифода шаванд, ки дар сиёсати баҳисобгирӣ муттаҳид карда шудаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки дар ҳисобгирии муҳосибӣ аниқ ҷудо кардани хизматрасониҳои худии сайёҳии ширкати сайёҳӣ, хизматрасонии дигар субъектҳо ва маҳсулоти сайёҳӣ ҳамчун маҷмӯи якчанд хизматрасониҳо дар алоҳидагӣ зарур аст. Чунин тафриқаандозӣ хизматрасониҳои сайёҳиро ҳамчун объекти баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзишӣ пешбинӣ намуда, вазифаҳои асосии фурӯши онро дар назди субъектҳои ба роҳ мондани баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ таъмин менамояд.

Муаллиф муътакиди он аст, ки дар ҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои сайёҳӣ, бояд таркиби ҳар як намуди хароҷот ва тартиби ҳамроҳ кардани онҳо ба арзиши аслии маҳсулоти сайёҳӣ, вобаста ба хусусиятҳои хоси соҳаи сайёҳӣ ва хизматрасонӣ аниқу возеҳ муайян карда шавад(саҳ. 123). Таҳқиқоти гузарондашуда имкон додааст, ки алоқамандии байниҳамдигарии унсурҳои хароҷот, ки барои иттилоотнокии баҳисобгирӣ ва назорати хароҷот барои идоракунӣ мусоидат менамояд, муайян карда шуда, тасвири алоқамандии нишонаҳои таснифотии хароҷот дар расми 2.2.1 тасвир карда шавад(саҳ. 125).

Яке аз муҳимтарин коркарди муаллиф аз нигоҳи истифодаи амалӣ таҳияи қисмати асосии сиёсати баҳисобгирии корхонаҳои сайёҳӣ бо муайян кардани ҷанбаҳои асосии он – тартиби баҳисобгирии хароҷот,

интихоби усулҳои баҳодиҳӣ ва эътироф, инчунин тартиби омодасозии ҳисоботи молиявӣ(сах.146-147) мебошад. Аз нуқтаи назари амалия таҳқиқоти муаллиф , ки дар расми 2.3.2. тасвир ёфтааст, дорои аҳамияти махсус буда, дар рафъи камбудиҳои методологии ташкил ва пешбарии баҳисобгирии муҳосибӣ нақши муҳимро мебозад.

**Дар боби сеюми диссертатсия - "Баҳодиҳии ҳолати муосири ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ"** таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири ташкили баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ гузаронида шуда, ҷанбаҳои ташкилӣ-методии баҳисобгирии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ дар корхонаи сайёҳӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ баррасӣ гардидаанд. Дар ин боб самтҳои амиқи мукамалгардонии методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити СБҲМ дар сайёҳӣ ва тартиби ташкили назорати дохилии фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст. Андешаҳои муҳаққиқ нисбати маҷмӯаи чорабиниҳо оид ба такомули низоми баҳисобгирии муҳосибии корхонаҳои ватанӣ, азҷумла танзими меъёрӣ-ҳуқуқии методологияи баҳисобгирӣ ва андозбандӣ, истифодаи пурраи принсипҳои СБҲМ, такмили ихтисоси муҳосибон ва бознигарии барномаҳои таълимӣ бо пешниҳоди як қатор тавсияҳои амалӣ дорои аҳамияти амалӣ мебошанд.

Диққати махсус дар ин боб ба ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо, таҳияи шакли ҳуҷҷатҳои аввалия, сабткунакҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаклҳои ҳисоботдиҳӣ, тартиби ҷадвали ҳуҷҷатҳо, муайянкунии механизми қабули ҳуҷҷатҳо барои баҳисобгирӣ ва интихоби ҳуҷҷатҳо равона карда шудааст, ки низоми коркард ва тартиби нигаҳдории онҳоро таъмин менамояд. Ғайр аз ин, пешниҳодоти муаллиф дар мавриди тартибдиҳии навиштҳои муҳосибӣ оид ба амалиётҳои ба фаъолияти сайёҳӣ хос, азҷумла тартиби бақайдгирии муҳосибии фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ва муайянкунии натиҷаҳои молиявӣ (саҳ. 175-176), истифодаи ҳисобҳои иловагӣ барои бақайдгирии муҳосибии амалиётҳои хоҷагидории корхонаҳои сайёҳӣ(саҳ. 189), тартиби баҳисобгирии хароҷоти ташкили амалиётҳои сайёҳӣ(саҳ. 191), баҳисобгирии амалиётҳои нақдӣ(саҳ. 207-208) қобили таваҷҷӯҳанд.

Натиҷаи таҳқиқоти ҳолати назорати дохилии корхонаҳои сайёҳӣ мавҷуд набудани муносибати низомнокро барои гузарондани расмиёт дар объектҳои назоратро нишон дода, онро тасдиқ менамояд, ки ҳолати низоми назоратӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ ғайриқаноатбахш буда, зарурияти ташкили низоми назоратии барои роҳбарият самаранокро тақозо менамояд. Дар ин маврид пешниҳоди муаллиф дар бобати

даврабандии ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ(Расми 3.4.2, саҳ. 224) бо мақсади аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта ҷолиби диққат аст. Модели пешниҳоднамудаи муҳаққиқ (расми 3.4.3., саҳ. 226) оид ба ташкили назорати дохилӣ дар фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ имконияти муқаррарнамоии таркиби низоми назоратро бо мақсади мукаммал намудани тартиби гузаронидани он барои ташаккули иттилооти лозимӣ бо мақсади қабули қарорҳои идоракунии дахлдор фароҳам меоварад.

**Дар боби чорум “Рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ”,** самтҳои асосии такмили методикаи баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷот дар корхонаҳои сайёҳӣ, рушди методикаи назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ, ташаккули низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии маҳсулоти сайёҳӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконияти таҳияи методикаи назорати дохилии хароҷот ва даромадҳо аз фурӯши маҳсулоти корхонаҳои сайёҳиро додааст, ки он ба даст овардани иттилооти саҳеҳро оид ба арзиши аслии ҳақиқии хизматрасониҳо барои амалӣ намудани назорати фаврии хароҷот ва даромад ва афзудани сатҳи дақиқияти натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро фароҳам менамояд. Дар ин маврид пешниҳодоти муаллиф оид ба марҳилабандии назорати дохилии натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои сайёҳӣ (саҳ. 276) дар расми 4.2.7., модели намунавии баҳисобгирии хароҷот, арзишмуайянкунӣ, даромадҳои корхонаи сайёҳӣ (саҳ. 296) дар расми 4.3.2. дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи низоми баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ воситаи муассир хоҳанд буд. Бояд қайд намуд, ки модели пешниҳоднамудаи муаллиф оид ба алоқамандии ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ (саҳ. 301) дар бартараф намудани мушкилоти баҳисобгирии амалиётҳои ба соҳаи сайёҳӣ хос ва фаъолияти пурсамари корхонаҳои сайёҳӣ, ки ба хизматрасонии гуногунҷабҳа машғуланд, мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки аҳамияти назариявӣ-амалӣ доранд, дар хулоса ва пешниҳодҳо оварда шудаанд. (саҳ. 303-315).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии такмили низоми баҳисобгирӣ ва назорат дар соҳаи

сайёҳӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ оиди мукамалгардонии тартиби баҳисобгирии амалиётҳои ҷудогонаи ба соҳаи сайёҳӣ хос, пешниҳоди амсилаҳои баҳисобгирӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ дар рушди илми муҳосибӣ саҳмгузор мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо назардошти таҳлилу арзёбиҳои гузаронидашуда, кофӣ будани ҳаҷми кори диссертатсионӣ, коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва таълифоти муаллиф эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мегардад. Дар амалия хулоса ва тавсеаҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявию таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили натиҷаҳои илмӣ-амалии таҳқиқот омода шудаанд.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон зимни таълими фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит дар корхонаҳои саноати сайёҳӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Назорати молиявӣ», «Омори сайёҳӣ», «Иқтисодиёти сайёҳӣ» ва «Менеҷменти сайёҳӣ» (маълумотномаи № 01/665 аз 20.10.2023 с.) ва дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит», «Баҳисобгирии молиявӣ», «Баҳисобгирии идоракунӣ», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаҳо», «Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи хизматрасонӣ», «Таҳлили иқтисодӣ» (маълумотномаи №543 аз 23.10.2023 с.) истифода шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додаии тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳамияти илмии** натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди низоми баҳисобгирӣ ва назорат дар мутобиқат бо СБҲМ ва иқтисодиёти рақамӣ, ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ ва рушди корхонаҳои сайёҳӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳои илмии таҳқиқот дар пажӯҳиши ҷанбаҳои гуногуни илми муҳосибӣ дар низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, методика ва тавсияҳои пешниҳодгардида ҳангоми мукамалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ ва назорат аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон, дар амалияи ташкилотҳои аудиторӣ-консалтингӣ, ширкатҳои сайёҳӣ истифода мегарданд.

**Аҳамияти амалии** натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои асосии дар кор мавҷудбуда имкон медиҳанд, то низоми самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ дар корхонаҳои сайёҳӣ бунёд карда шавад. Бархе аз тавсияҳое, ки дорои аҳамияти амалӣ мебошанд, аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхонаҳои сайёҳӣ барои дуруст интихоб кардани сиёсати баҳисобгирӣ, усулҳои муосири баҳисобгирии даромаду хароҷот, муайян намудани арзиши аслӣ ва натиҷаҳои молиявӣ аз фурӯш ва пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои сайёҳӣ, низоми самарабахши назорати дохилӣ истифода бурда шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии** таҳқиқоти анҷомдодашуда дар татбиқи натиҷаҳои он аз ҷониби корбарон вобаста ба ташкили амалии низоми мукаммали баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ, интихоби сиёсати баҳисобгирӣ, тартиби бақайдгирии муҳосибии амалиётҳои сайёҳӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар татбиқи асосҳои СБҲМ дар низоми ватании баҳисобгирӣ ва мусоидат ба шаффофияти ҳисоботи молиявии субъектҳои сайёҳӣ, рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сармоягузориҳо, инчунин афзоиши дараҷаи даромаднокӣ ва натиҷаноки фаъолияти корхонаҳои ватанӣ мутааасир аст.

**Аҳамияти иҷтимоии иатиҷаҳои таҳқиқоти бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои дар диссертатсия бадаст омада шаффофияти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва маълумоти ҳисоботи молиявиро таъмин намуда, ганишавии буҷети давлатиро аз ҳисоби афзоиши даромаднокии корхонаҳои сайёҳӣ таъмин намуда, дар ниҳоят ба афзоиши сатҳи шугл ва некӯаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд. Инчунин, ба беҳтар гардидани сатҳи касбияти муҳосибон ва муҳаққиқони соҳа, афзоиши таҳқиқотҳои аслии илмии соҳаи муҳосибӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Оид ба мавзуи таҳқиқот 2 монографияи илмӣ, 58 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 38,25 ҷ.ч. (аз ҷумла 35,0 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) аз онҳо 18 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Инчунин, муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистои**

Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 32, 33, 34, 35, 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) муқарраршуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъалаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, маълумот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷанбаҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвалҳо ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такомули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилии корхонаҳои ватании соҳаи сайёҳӣ васеъ истифода бурда шаванд. Диссертатсия бо забони фасеҳ бо истифодаи истилоҳоти қабулшуда навишта шуда, ороиши диссертатсия ягон тасҳеҳеро талаб намекунад.

Автореферат ва корҳои интишоршудаи унвонҷӯ ба пуррагӣ ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунанд. Қисматҳои муҳими таркиби кор, ки предмети асосии ҳимоя мебашанд, дар автореферат инъикос гардидаанд. Вобаста ба ин талабот дар умум риоя гардидаанд.

**Эрод ва тавсияҳо доир ба диссертатсия**

Дар қатори бартариятҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои норасоиҳо низ мебошад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

1. Мавзуи таҳқиқотӣ хеле васеъ буда, дар доираи як таҳқиқот баррасии ҳамаи мушкилоти низоми баҳисобгирӣ ва назорати дохилии корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ имконнопазир нест. Хуб мебуд, агар унвонҷӯ

таҳқиқотро ба як самти мушаххас ба мисли баҳисобгирии молиявӣ ё баҳисобгирии идоракунӣ бахшида, масъалаҳои вобаста ба ташкил ё такмили баҳисобгириро ҳаллу фасл менамуд;

2. Ҳаҷми кори диссертатсионӣ хеле бузург буда, новобаста ба ин баъзе аз масъалаҳои муҳими такомули низоми баҳисобгирӣ ба мисли автоматикунонии раванди баҳисобгирӣ, рақамикунонии идоракунии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии корхонаҳои сайёҳӣ то андозае мавриди пажӯҳиш қарор дода нашудаанд;

3. Муҳаққиқ дар муқаддимаи ҳам автореферат ва ҳам диссертатсия (саҳ. 13) мавриди таҳияи методикаи тайёркунии ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявии корхонаҳои сайёҳӣ сухан рондааст, вале дар таркиби диссертатсия ин баррасии ин методика бо инъикоси маълумот аз амалия ба назар намерасад;

4. Дар саҳифаи 116 дисссертатсия вобаста ба мафҳумҳои "хароҷот", "харҷ" ва масрафот" андешаҳо аз сарчашмаҳои гуногун мавриди таҳлил қарор дода шудаанд, аммо ба назар мерасад, ки дар ин масъала мебояд ба асарҳои олимони барҷаста ба мисли Соколов Я.В., Кутер М.И., Палий В.Ф, ва дигарон такя намуда, таърифи нисбатан асосноктареро, ки табиати бавуҷудоии ин категорияҳои алоҳидаи иқтисодиро таҷассум мекунад, пешниҳод намуд.

5. Дар расми 2.3.1 (саҳ. 143) ба сифати объекти мувофиқи баҳисобгирӣ асбобҳои камнарху зудхурдашаванда оварда шудаанд, ки дар нақшаи ҳисобҳои амалкунанда ва ҳисобот оид ба вазъи молиявӣ чунин ҳисоб ё моддаи ҳисоботиро дидан ғайриимкон аст. Агар дар корхонаҳои сайёҳии мавриди таҳқиқот қарордошта чунин модда мавҷуд бошад, пас дар бобати куҳна будани методикаи баҳисобгирӣ мебоист қайд намуд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои номбаршуда ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи назариявию амалии онро коҳиш намедиҳанд.

**Хулоса**

Ба таври умум кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ ичро карда шуда, дар худ рисолаи баитмомрасидаи илмиро ифода менамояд.

Диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович дар мавзуи «Назария ва методологияи ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат дар корхонаҳои сайёҳӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм ҷавобгӯ буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст ва таҳқиқоти илмии баитмомрасида мебошад. Ҳдмин тавр, диссертатсияи Раҳимов Саидалӣ Холович ба талаботи бандхои 32, 33, 34, 35 "Тартиби додани унвонҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи молияи**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Кошонова М.Р.**

09.01.25с

**Имзои Кошонова М.Р.-ро тасдиқ мекунам:**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Сардори Шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Тел.:(+992) 231-02-01 (раб), 935-55-50-72 (моб.), e-mail: Manzura@yandex.ru.